**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА– 028-и**
**назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон оид ба**
**диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ барои дарёфти дараҷаи**
**илмии доктори илмҳои филологӣ**

Парвандаи аттестатсионии № 14

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 24.12. 2020, № 1**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Султонзода Тоҷибой Султонӣ додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи "Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, рӯзи 13-уми августи соли 2020 бо қарори №12 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА– 028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Султонзода Тоҷибой Султонӣ – соли таваллудаш 1970, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертант соли 1993 Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С. М. Киров (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров)-ро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Мавсуф соли 2000 диссертатсияи худро бо номи «Шарҳи қасоиди Хоқонӣ»-и Алавии Шодиободӣ ва масъалаҳои маърифати бадеии ашъори Хоқонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дифоъ кардааст.

Аз соли 1993 то ҳол дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, аввал ба ҳайси муаллими кафедраи байнифакултетии забон ва адабиёт (1993-1994), аспирант (1994-1997), муаллим (1999-2000), сармуаллим (2001), дотсенти кафедраи

адабиёти классикии тоҷик (2001-2009) фаъолият намудааст. Аз санаи 01.01.2010 (бо фармони №356 аз 25.12.2009) ба ҳайси докторанти кафедраи адабиёти классикии тоҷики ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров қабул гардида, соли 2012 (бо фармони №01 аз 03.01.2013) докторантураро хатм намудааст.

Солҳои 2014-2016 котиби масъул ва сармуҳаррири нашрияи ҲХДТ дар вилояти Суғд - «Сухани халқ» ва мудири шӯъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси вилояти Суғд (аз соли 2015), ҳамзамон ҳамчун дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров фаъолият мекунад.

Султонзода Т. аз соли 2005 узви ҲХДТ, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (2017), узви Конфедератсияи байналмилалии Иттифоқҳои журналистӣ (2017) ва Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба анҷом расидааст.

**Мушовири илмии диссертант** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Сатторов Абдунабӣ мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

- **Салимӣ Носирҷон Юсуфзода -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

- **Тағаймуродов Рустам** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

- **Мисбоҳиддини Нарзиқул** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**Муқарризон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.**

**Муассисаи пешбар:** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи **Сотим Улуғзода** дар тақризи пешниҳоднамудаи худ бо имзои мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шамсов Н.С., доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Исмоилов Ш. ва номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Боев Ш. таъкид намудааст, ки Султонзода Тоҷибой Султонӣ тавонистааст пажӯҳиши масоили «Маснавии маънавӣ»-ро дар заминаи қиёсу муқобала бо шарҳномаҳои дасти аввал ба субут расонад. Диссертатсияи мазкур далолат ба мутолиаи фарох, иттилооти фаровон, огоҳии амиқ ва дастрасии муҳаққиқ ба маъхазҳои муҳимми адабию ирфонӣ менамояд.

Муассисаи пешбар инчунин таъкид мекунад, ки дар канори дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси тамомияти ҳусни таҳқиқот хоҳанд буд:

1. Дар боби аввали рисола муҳаққиқ оид ба заминаҳои аслии маърифати мероси маънавии Мавлоно муфассалу мудаллал сухан ронда бошад хам, вале масоили баррасишаванда дар бахши хулоса бештар тавзеҳ дода нашуда, андешаҳо ҳамаҷиҳата хулоса нагардидаанд.

2. Он масъалаҳое, ки дар робита ба шарҳу исботи ҳувияти шахсии Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва омезиши ному осори ӯ бо шахсияти ҳамноми ӯ дар фасли аввали боби дуюм омадаанд, хеле тӯл кашида, зарурат ба ихтисор доранд.

3. Дар диссертатсия бо тарзҳои гуногун омадани номи шахсони алоҳида, чун Абулқосими Курагонӣ ва Гураконӣ, Бобо Камоли Ҷундӣ ва Ҷандӣ, Абӯязиди Бастомӣ ва Боязиди Бастомӣ ба мушоҳида мерасад.

4. Дар диссертатсия хатоҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ (дар саҳ.4, 6, 9,

16, 28, 62, 82, 84,121, 197, 270 ва ғ.) дида мешаванд.

Диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ” тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Диссертант дар ин мавзӯъ соҳиби 51 кори илмӣ, аз ҷумла 3 монография, 16 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишоргардида мебошад. Номгӯи муҳимтарин корҳои илмие, ки моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд, ба тариқи зайл аст:

1. Нигоҳи интиқодӣ ба шарҳи ирфонӣ [тақриз ба китоби «Шарҳи Баҳрулулум» ] // Номаи донишгоҳ. - Хуҷанд, № 4 [28], 2011. -С. 252-265
2. “Гулшани тавҳид”- шарҳи манзуми маснавии Мавлоно // Номаи донишгоҳ. - Хуҷанд, № 1 [29], 2012. - С. 12-22
3. Усули нақли қиссаву ҳикояҳо дар «Асрор-ул-ғиюб»-и Хоҷа Айюби Порсо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2012. № 4/4 [91]. - С. 269-273.
4. Аввалин шореҳ ва нахустин шарҳ // Ахбори ДДҲБСТ. - Хуҷанд, №1[53], 2013. -С. 230-236
5. Нигоҳе ба шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Румӣ // Номаи донишгоҳ. - Хуҷанд, 2013, № 1[34]. -С.30-41
6. Нигоҳи интиқодӣ дар «Асрор-ул-йиюб»-и Хоҷа Айюби Порсо // Номаи донишгоҳ. - Хуҷанд, 2013, № 3 [36]. -С. 3-11
7. Вижагиҳо ва арзишҳои шарҳи «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, № 4/4 [116], 2013. -С. 173-181
8. Баҳсе дар мазҳаби Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, № 1[57], 2014, - С. 288-293

9. Нигоҳе ба сабки шоирии Хоразмӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, №1[56], 2014. -С. 284-300

10. Усулҳои тафсири дохилӣ дар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Камолуддини Хоразмӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, №1[56/2], 2014. - С. 299-303

11. Усули овардани қиссаву ҳикоёт дар "Ҷавоҳир-ул-асрор"-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, №1[38], 2014. -С. 53-61

12. Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ ва Хоқонии Шарвонӣ // Ахбори ДДҲБСТ. -Хуҷанд, № 4[60], 2014. - С. 203-209.

13. Таъсири «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттори Нишопурӣ ба «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Камолуддини Хоразмӣ // Номаи донишгоҳ. -Хуҷанд, №4 [41], 2014. – С. 30-33

14. Шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ" дар Мовароуннаҳру Хуросон // Номаи донишгоҳ. -Хуҷанд, № 2 [43], 2015. - С. 63-70

15. Забон ва тарзи баён дар шарҳи "Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор"// Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, № 2 [51], 2017. -С. 105-110

16. Иртиботи мақолоти даҳгонаи шарҳи "Ҷавоҳир-ул-асрор" бо "Маснавии маънавӣ"// Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, № 4[57], 2018.- С. 112-118

**Монографияҳо:**

**1.** Қалъаи Ҳушрабо. Шарҳи достони «Дизи Зотуссувар» аз дафтари шашуми «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ.-Хуҷанд: Ношир, 2011.-144 с.

2. Шарҳшиносии «Маснавии маънавӣ». -Хуҷанд: Нури маърифат, 2019.–292 с.-

3. Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и ӯ.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2019.–288 с.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1. Низомӣ Мухриддин Зайниддин**– доктори илмҳои филологӣ, ректори МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” дар тақризи худ таъкид мекунад, ки рисолаи доктории Султонзода Тоҷибой Султонӣ, ки ба таҳқиқи густардаи шуруҳи «Маснавии маънавӣ» ва муайян намудани арзиши илмии онҳо дар мисоли қадимтарин шарҳи он- «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ бахшида шудааст, аз кӯшишҳои аввалин дар таҳқиқи ин мавзӯъ мебошад.

Дастовардҳо ва навгонии рисола дар он аст, ки Султонзода Тоҷибой нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик ба омӯзишу таҳқиқи шуруҳи «Маснавии маънавӣ»-и Мавлонои Балхӣ пардохта, дар баробари пайдоишу таҳаввул ва ташаккули шарҳнависӣ арзиши илмӣ ва мақому аҳаммияти шарҳномаҳоро муайян намудааст. Афзун бар ин, дар асоси сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ зиндагинома ва мероси боқии Камолуддин Ҳусайни Хоразмиро баён сохта, ихтилофи назар ва иштибоҳоте, ки то ин замон байни адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ мавҷуд буд, бо далелҳои раднопазир ислоҳ ва рафъ карда, чеҳраи аслии ин шореҳ ва сухансарои номиро ба аҳли таҳқиқ маълум ва муаррифӣ намудааст.

Муқарриз таъкид мекунад, ки автореферати дисертатсия дар баробари муҳассанот ва арзиши зиёди илмӣ холӣ аз камбудӣ нест, ки ислоҳи онҳо ҳусни диссертатсияро афзун хоҳад кард:

1.Муаллиф дар бораи арзиши «Шарҳи кабири Анқаравӣ»-и Русухиддин Исмоили Анқаравӣ ба таври умумӣ маълумот дода бошад ҳам, онро мавриди таҳлил қарор надодааст. Хуб мешуд, ки дар фасли ҷудогона қимати аслии ин асар низ рӯнамо мегардид.

2. Тарзи навишти баъзе калимаҳо ба гунаи мухталиф оварда шудаанд, ки ислоҳ мехоҳанд, монанди густарда- густурда, Камолиддин- Камолуддин, аҳамият- аҳаммият, ӯзбек-ӯзбак, Шаҳобиддин- Шаҳобуддин, муҳим-муҳимм ва ғ.

**2. Қаландариён Ҳоким-** доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дар тақризи худ таъкид мекунанд, ки рисолаи Султонзода Тоҷибой Султонӣ тахти унвони “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ**”**, ки ба таҳқиқи густурдаи шарҳҳои “Маснавии маънавӣ” ва заминаҳои ташаккулу пайдоиши онҳо бахшида шудааст, аз аҳаммияти зиёди илмӣ бархурдор буда, саҳифаҳои тозаеро дар мавлавишиносӣ боз хоҳад намуд. Ҳадафҳои асосӣ, вазифаҳо, равишҳои таҳқиқ ва навгонии илмии диссертатсия мушаххасу муайян буда, нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, нав ва дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд. Тақриз мусбат буда, муқарриз пешниҳод ва эродҳои зеринро баён намудааст:

**1.** Муаллиф зимни баррасии боби сеюми диссертатсия дар чанд маврид аз шарҳи ирфонии бар “Маснавии маънавӣ” навиштаи яке аз мутакаллимони бузурги Ҳинд - Абдулалии Баҳрулулуми Лакҳнавӣ изҳори назар карда бошад, ҳам дар ҳеч маврид оид ба арзиши шарҳи мазкур назари хешро баён нанамудааст.

**2.** Дар саҳифаҳои 6, 14, 23,  24, 28...-и автореферат бар асари риоя накардани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ йалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро зиёда мегардонад.

**3.Муллоев Шариф Боқиевич -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон таъкид менамояд, ки “ошноӣ бо автореферати кори илмии Султонзода Т.С. равшан месозад, ки он таҳқиқи тоза ва нав буда, баррасии шахсияти Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва “Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор”-и ӯ ба унвони аввалин шарҳи “Маснавии маънавӣ” гӯшае  аз холигоҳи адабиётшиносии тоҷикро пур сохтааст. Муайян намудани ҳадафҳои таҳқиқ ва вазифагузорӣ

дар таҳқиқи мавзӯъ низ ҷиҳати муназзам омадани матолиби мавриди баҳс ёрмандӣ намуда, қимати корро афзудааст. Муаллиф дар ин замина ба баррасии сайри таърихии шаҳрнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”, мактабҳои шаҳрнависӣ, анвои шарҳҳо, хусусиятҳои шарҳнигорӣ, мундариҷаву таркиб ва нақду таҳлили шарҳҳои “Маснавӣ” ва чанд нуктаи дигар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, андешаҳои хешро бо далелҳои қавӣ тақвият бахшидааст. Муқарриз ҷиҳати беҳбуди сифати диссертатсия чунин эродҳоро баён доштааст:

1. Дар байни муҳаққиқони русзабон “Маснавии маънавӣ” бештар бо номи “Поэма о скрытом смысле” маъруфият дорад. Аз ин рӯ, дар варианти русии автореферат истифода бурдани номи “Маснавии маънавӣ” ба ҳамон шакли дар забони русӣ пазируфташуда ба мақсад мувофиқ аст.

2. Ба назари мо “Маснавии маънавӣ” дар мактабҳои илмию адабии кишварҳои арабӣ низ мавриди истиқбол қарор гирифтааст. Аз байни тарҷума ва шарҳҳои арабии дастрас, хидмати устодон Муҳаммад Абдуссалом Кафофӣ ва Иброҳим Дусуқӣ шоистаи ёдоварӣ буда, мавриди омӯзишу таҳлил қарор додани онҳо ба манфиати кор мебуд.

**4.Доктор Халилуллоҳ Афзалӣ** - мудири Муассисаи пажуҳишии Бойсанғур дар шаҳри Ҳироти Ҷумҳурии исломии Афғонистон таъкид мекунад, ки гузориши масъалаҳо, тарзи ҷойгузин намудани бобҳои асар ва натиҷагириҳои ҳушмандона гувоҳи табаҳҳури Султонзода Тоҷибой дар анҷоми ин рисолаи илмист. Зикри асмои муаллифон, кутуби зиёди таҳқиқӣ, номгӯи осори илмии мунташир дар қаламрави тарвиҷи забон ва адаби порсӣ ва берун аз он аз пажӯҳиши густурдаи соҳиби диссертатсия дар заминаи таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад ва ба ҷуръат метавон ҳадс зад, ки Султонзода Тоҷибой гузашта аз он ки ба омӯзишу баррасии мустақими шарҳҳои “Маснавии маънавӣ” даст задааст, дар маҷмӯъ, бо тамоми тадқиқот ва пажӯҳишоти хурду бузурги дар ин замина эҷодгардида ошноӣ пайдо карда ва аз дараҷаву мақоми онҳо дар шинохти “Маснавӣ” огоҳ мебошад. Дар канори дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба

назари мо таваҷҷуҳи муаллиф бо онҳо барои иртифои мақоми илмии рисола таъсир хоҳанд гузошт:

1. Ҳангоми зикри солҳо баъзан солшумории мелодӣ ва гоҳо солшумории ҳиҷрӣ истифода бурда шудааст. Хуб мебуд агар дар ин хусус ба сурати якдаст амал шавадва аз як солшуморӣ истифода шавад.
2. Нависанда ҷиҳати такмили ин шарҳи худ аз нусхаи хаттии “Кунуз-ул-ҳақоиқ”, ки шарҳи манзуми “Маснавӣ”тавассути Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ аст, мутаассифона истифода накардааст.
3. Ҳангоми ба истишҳод овардани абёти қаринаҳои дигаре, ки дар нусахи хаттӣ зикр шудаанд, баъзан иштибоҳот дида мешавад. Масалан, дар байти- «Он ки зи ғайрат чу мо дида зи ғайрат надӯхт // Дидаи бино наёфт, толиби дидор нест» калимаи «ғайрат» ду маротиба зикр гардидааст, ки ба гумони ғолиб, яке аз онҳо бояд «ҳайрат» хонда шавад.

**5.Ҷумъақул Ҳамроев** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар тақризи худ зикр кардааст, ки дар баробари дастоварди хуби илмӣ дар автореферати мазкур баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор аст:

1. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда номи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба ду шакл - “Балхӣ” ва “Румӣ” оварда шудааст. Беҳтар мебуд, ки дар ин маврид усули ягона ба кор гирифта мешуд.

2. Номи бархе аз китобҳо дар шакли кӯтоҳ оварда шудааст. Аз ҷумла “Маснавӣ” ба ҷойи “Маснавии маънавӣ”, “Ҷавоҳир-ул-асрор” ба ҷойи “Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор”, “Эҳёу улум” ба ҷойи “Эҳёу улум ад-дин” ва ғ.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** ба нуфуз ва мавқеи пажӯҳишии онҳо дар адабиётшиносӣ иртибот дорад. Муқарризони расмӣ дар муассисаҳои илмии Тоҷикистон ба унвони адабиётшиносони соҳибназар эътироф гардидаанд. Ҳамзамон оид ба масъалаҳои мухталифи таърихи адабиёти тоҷик, назму насри адабиёти классикии тоҷик китоб, мақолаҳо ва тақризҳои зиёди онҳо ба табъ расидааст.

Муассисаи пешбар аз муассисаҳои бонуфузи олии таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон нақши муҳим дорад.

Шӯрои диссертатсионӣ баъди баррасии кори диссертатсионии Султонзода Тоҷибой таъкид менамояд, ки дар заминаи ин рисолаи илмӣ корҳои зерин ба анҷом расидаанд:

- аввалин падидаҳои таҳаввул, ташаккул, заминаҳои пайдоиш ва интишори шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон, Ҳинду Синд ва Осиёи Сағир ба вуҷуд омадаанд, баррасӣ карда шудаанд;
- шахсият, муҳити эҷодӣ, ҷаҳоншиносӣ ва чеҳраи ҳунарии Камолуддини Хоразмӣ муайян карда шуда, ба ин восита ихтилофи назарҳо дар шинохти шахсияти ӯ аз миён бардошта шудааст;
- шарҳи “Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор”-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ҳамчун нахустин шарҳи “Маснавии маънавӣ” муаррифӣ гардида, арзиш, вежагиҳо, таъсиру нуфуз ва ҷойгоҳи он дар ташаккули шарҳнигорӣ бар “Маснавӣ” муайян карда шудааст;
- шарҳҳои асримиёнагии “Маснавии маънавӣ” аз рӯи ҷуғрофиёи интишор тадқиқ гардида, заминаҳои ба вуҷуд омадани мактаби шарҳнигорӣ бар “Маснавии маънавӣ”, арзиш ва қимати шарҳҳое, ки дар кишварҳои Осиёи Сағир, Эрон ва Ҳинд таълиф ёфтаанд, таъйин гардидааст;
- зимни таҳқиқ махсусиятҳои забонӣ ва сабкии шарҳҳо, роҳу усули шарҳнависӣ бар “Маснавӣ”, бардоштҳои шореҳон аз ҳамдигар, сарчашмаҳо ва заминаҳои фикрии шореҳони “Маснавии маънавӣ” нишон дода шудаанд.

**Арзиши илмии рисола** дар муаррифии мактабҳои шарҳнигорӣ бар “Маснавии маънавӣ”, пур кардани холигоҳи шарҳнависӣ дар адабиёти тоҷик ва мақоми шарҳҳо дар маърифат ва дарки адабиёт зоҳир мегардад. Тадқиқоти мазкур ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, хондани дарсҳои махсуси «Шарҳнигории осори адабӣ» ва «Маснавихонӣ», таълифи асарҳои илмию таҳқиқӣ, корҳои курсӣ ва рисолаҳои дипломию хатм метавонад ба сифати манбаи илмӣ хидмат менамояд.

Дар раванди тадқиқи мавзӯъ усули муқоисавию таърихӣ, татбиқӣ, қиёсӣ, матншиносӣ ва оморӣ истифода гардида, дар ҷараёни навиштани тадқиқот унвонҷӯ аз усули таҳқиқотии донишмандони ватанию хориҷӣ баҳра бардоштааст.

Ҳангоми омӯзиш, таҳқиқи мавзӯъ ва таълифи рисола қадимитарин шарҳҳои “Маснавии маънавӣ”, аз ҷумла “Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор”-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ, “Мукошифоти разавӣ”-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ, «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо, “Махзан-ул-асрор»-и Валимуҳаммади Назири Акбарободӣ, «Футӯҳоти маънавӣ”-и Абдулалии Баҳрулулуми Лакҳнавӣ, “«Латоиф-ул-луғот»-и Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ, «Шарҳи кабири Анқаравӣ»-и Русухиддин Исмоили Анқаравӣ, “Шарҳи маснавӣ”-и Муҳаммаднаим, “Шарҳи асрор”-и Мулло Ҳодии Сабзаворӣ, “Гулшани тавҳид”-и Шоҳидии Муғлавӣ ва ғ., ки дар Хоразм, Ҳиндустон, Покистон ва Туркия таълиф гардидаанд, асоси таҳқиқ қарор гирифтанд.

Барои муайян кардани ҷаҳони фикрии Мавлоно Ҷалолуддин ва арзишу мақоми шарҳҳо қадимитарин рисола ва тазкираҳои наздик ба замони зиндагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, аз ҷумла “Рисолаи Сипаҳсолор”-и Фаредуни Сипаҳсолор, “Маноқиб-ул-орифин”-и Аҳмади Афлокӣ, “Рисолаи Қушайрия”-и Абулқосими Қушайрӣ, “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдураҳмони Ҷомӣ, “Маҷолис-ун-нафоис”-и Алишери Навоӣ, осори таҳқиқотии бузургтарин олимони мавлавипажӯҳ, аз ҷумла Абдулҳусайни Зарринкӯб,

Рейналд Николсон, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Абдулбоқии Гулпинорлӣ, Аннемари Шиммел, Абдулкарими Суруш ва дигарон мавриди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Саҳми фардии унвонҷӯ** дар он аст, ки бори нахуст шарҳҳои "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудаанд. Муаллиф мақом, арзишу аҳаммият, заминаҳои таҳаввулу ташаккул ва ҷойгоҳи шарҳҳоро дар мисоли аввалин шарҳи "Маснавӣ" - "Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор"-и Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ муайян намудааст.

Муаллиф шарҳҳоро аз лиҳози забон, ҳаҷму муҳтаво, анвоъ ва арзиши онон дастабандӣ карда, роҷеъ ба шарҳҳои форсӣ, ҳиндӣ, туркӣ, арабӣ, инглисӣ ва ғ. маълумоти муфид додааст.

Дар диссертатсия бори аввал дар асоси сарчашмаҳои илмӣ шахсияти Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ муаррифӣ шуда, ихтилофи назарҳое, ки дар байни аҳли таҳқиқ мавҷуд буданд, рафъ гардидаанд.

Диссертант дар заминаи шарҳшиносии "Маснавии маънавӣ" 3 монографияи илмӣ ва 48 мақола ба қалам овардааст. Баробари ин, ба кӯшиши бевоситаи муҳаққиқ рисолаи Фаредиуни Сипаҳсолор, ки аз қадимитарин маъхаз дар шинохти рӯзгору осори Мавлоно ба ҳисоб меравад ва матни шарҳи манзуми "Гулшани тавҳид"-и Шоҳидии Муғлавӣ", ки ба мавзӯи тадқиқоти илмии ӯ бевосита рабт дорад, тасҳеҳ ва бо пешгуфтору тавзеҳот ба нашр расидааст.

Дар ҷаласаи худ аз санаи 24-уми декабри соли 2020 Шӯрои диссертатсионӣ қарор мекунад, ки кори диссертатсионии Султонзода Тоҷибой, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, кори илмии мустақил ва анҷомёфта буда, ба талаботи банди 10-и Низомнома оид ба "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26.11.2016, таҳти № 505 тасдиқ кардааст,

ҷавобгӯ мебошад ва унвонҷӯ сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аъзои Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар ширкат намуданд, ки аз ин теъдод 6 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси 10.01.03 -Адабиёти тоҷик буданд.

Аз теъдоди зикргардида 15 нафар тарафдор; зид, бетараф нест. Дар қуттӣ варақаи овоздиҳии бекоршуда боқӣ намонд.

Суханронии Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи **“Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи пешбар- **Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;** муқарризони расмӣ **- Салимӣ Носирҷон Юсуфзода -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон; **Тағаймуродов Рустам -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; **Мисбоҳиддини Нарзиқул -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; тақризҳо ба автореферат аз номи Низомӣ Муҳриддин Зайниддин – доктори илмҳои филологӣ, ректори МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”; Қаландариён Ҳоким- директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор; Муллоев Шариф Боқиевич - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон; доктор Халилуллоҳ Афзалӣ - мудири Муассисаи пажуҳишии Бойсунғур дар шаҳри Ҳироти Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва Ҷумъақул Ҳамроев - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд; муқарризони ғайрирасмӣ -

Элбоев Вафо – доктори илмҳои филологӣ, профессор; Хоҷазод Саидмурод- доктори илмҳои филологӣ, профессор; Солиҳов Шамсиддин - доктори илмҳои филологӣ, профессор; Ҳомидов Д. - доктори илмҳои филологӣ, профессор ва Султонов М.- доктори илмҳои филологӣ, профессорро муҳокима карда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Султонзода Тоҷибой Султонӣ**

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи **“Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербанди 10 ва 11 “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Корҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба **Султонзода Тоҷибой Султонӣ** дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ дода шавад.
4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба **Султонзода Тоҷибой Султонӣ** дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои филологиро диҳад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор** **Худойдодов А.О.**

**Котиби Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Мирзоалиева А.Ш.**